**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба рисолаи Қаюмова Дилбар Ғафуровна дар мавзӯи «Хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01– Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.

Рисолаи илмии Қаюмова Дилбар Ғафуровна, ки дар мавзӯи «Хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон» таълиф шудааст, аз мавзуоти мубрами адабиётшиносии муосир ба ҳисоб рафта, ба таҳқиқу баррасии эҷодиёти нависандаи маъруфи тоҷик Сорбон ихтисос ёфтааст.

Ҳини таълифи рисола фазилатҳои хоси муаллиф, аз ҷумла лаёқати таҳлил ва таҳқиқи адабиётшиносии ӯ, тавоноии кор бо сарчашмаҳо ва ҳунари расидан ба хулосаҳои саҳеҳу мантиқӣ падид омад. Баррасии пешинаи таҳқиқ, муайян кардани ҳадаф ва вазифаҳои муаллиф, усулҳои таҳқиқе, ки дар рисола ба кор рафтаанд, инчунин нуктаҳои меҳварие, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки унвонҷӯ аз миёни маводи зиёд метавонад нуктаҳои асосиро ҷудо кунад ва ба моҳияти аслии масъала ба хубӣ сарфаҳм рафта, ба натиҷаҳои дурусти илмӣ бирасад.

Барои муайян кардани шахсияти адабию ҳунарии Сорбон ва ҷойгоҳи адиб дар насри муосир унвонҷӯ китобу мақолаҳои зиёдро мавриди омӯзишу истифода қарор дода, моҳияти ҳикояву повестҳои Сорбон, тарзи баён, ҳунари тасвирпардозӣ дар офаридани манзара, муҳити зист, қиёфа, ҷаҳони ботинӣ ва дигар паҳлӯҳои поэтикаи насри ӯро ба маърази таҳқиқ кашидааст.

Дар раванди кор муаллиф ҳадафи асосии худро омӯзиши хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон, мавқеи мактаби адабии замон дар рушди шахсияти эҷодии вай, таснифоти жанрии осори адиб, муаммои характер ва тасвири олами ботинии қаҳрамон, рӯҳи замон ва ҳофизаи таърихӣ, мавқеи руҷӯъҳои лирикию

унсурҳои композитсия ва чанд ҷанбаи дигари ҳунарӣ қарор дода, анвои осори нависанда, ҷанбаҳои сохторию мундариҷавии онҳо, хусусиятҳои сохтории ҳикояву повестҳои нависанда, масъалаҳои забон ва сабки нигориши ӯ ва чандин аносири дигари поэтикаи насри ӯро ба доираи таҳқиқ кашидааст.

Арзиши назарӣ ва амалии рисола аз он иборат аст, ки дар он вобаста ба масоили адабиёти муосир, хоса насри имрӯзи тоҷик нуктаҳои муҳими назарӣ ва амалӣ зикр шудаанд, ки ҳангоми навиштани китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷик, инчунин дар таълифи рисолаҳои илмии номзадӣ ва докторӣ, магистрӣ ва бакалавр судманд хоҳанд буд.

Рисола дар заминаи усулҳои муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва бо истифода аз равиши тасвирию сохторӣ ва оморӣ навишта шуда, дар он усули таҳқиқи олимони ватаниву хориҷӣ ба кор гирифта шудааст.

Нововарии рисола дар он зуҳур ёфтааст, ки бори нахуст ташаккули шахсияти эҷодии Сорбон, мавқеи мактаби адабии замон дар рушди шахсияти эҷодии адиб ва назари муҳаққиқон ба осори ӯ мавриди тадқиқ қарор гирифта, осори ӯ аз назари анвои адабӣ ва вижагиҳои жанрию сохтории ҳикояю повестҳо баррасӣ шудаанд. Дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал хусусиятҳои бадеию услубӣ, масъалаи характер, тасвири олами ботинии қаҳрамон, рӯҳи замон ва ҳофизаи таърихӣ, инчунин забону сабки баёни жанрҳои мазкур, нақши ровӣ дар зикри воқеа ва тасвирҳои психологӣ, афсонапардозӣ, мавқеи руҷӯъҳои лирикӣ ва унсурҳои композитсияи асари бадеӣ дар осори Сорбон омӯхта шудааст.

Муаллифи рисола ба ҳадаф ва вазифаҳое, ки назди худ гузоштааст, расидааст. Рисола бо сабки хуби илмӣ ба қалам омада, дар он теъдоди зиёди китобу мақолоти илмиву соҳавӣ, тақрибан 300 номгӯ ба кор рафтааст. Аз рӯйи мавзӯи рисола унвонҷӯ 8 мақола ба табъ расонидааст, ки аз миён 3-тои он дар маҷаллаҳоест, ки дар КОА ФР номнавис шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқот дар конфронсҳои илмии ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров эълом шудаанд.

Рисола ба талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Қаюмова Дилбар Ғафуровна ба унвони илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01.–Адабиёти тоҷик шоиста аст.

Доктори илмҳои филология, профессори
кафедраи адабиёти муосири тоҷики
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
Мирзоюнус Матлуба

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков, 1
тел: (992) 92 733 56 96
e-mail:matluba.khojaeva@gmail.com

20.01.2018

Тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо: Ашрапова З.Н.